آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

# Овози тоҷик

*Бани одам аъзои якдигаранд!*

18 марти соли 2023
Шанбе
№ 22 (14930)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## РАФТИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАҲО ДАР СОҲАИ ГИДРОЭНЕРГЕТИКА БАРРАСӢ ШУД

***Таҳти раёсати Президент Шавкат Мирзиёев баррасии иҷрои вазифаҳо оид ба васеъ гардондани истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия баргузор гардид.***

Ба мақсади таъмини истиқлолияти энергетикии кишварамон иқтидори тамоми манбаъҳои энергия истифода мешавад. Аз ҷумла, дар ин раванд нерӯгоҳҳои барқии обӣ нақши калон дорад, ки хусусияти муҳими он аз он иборат аст, ки онҳо қодиранд дар давоми шабонарӯз устуворона энергия ҳосил кунанд.

Дар тӯли солҳои охир 15 нерӯгоҳи барқии обии нав ба истифода дода, 12 нерӯгоҳ таҷдид карда шуд, ки дар натиҷаи он иқтидори иловагии 260 мегаватта офарида шуд. Имрӯз иқтидори умумии гидроэнергетика дар мамлакати мо ба 2,1 ҳазор мегаватт расид, нерӯгоҳҳои барқии обӣ соле 6,5 миллиард киловатт-соат неруи барқ ҳосил мекунанд.

Дар баробари ин мувофиқи ҳисобу китобҳо, иқтидори гидроэнергетикӣ метавонад боз ба 1 ҳазор мегаватт зиёд карда, бо иштироки сектори хусусӣ 58 нерӯгоҳи хурди барқии обии иқтидораш 38 мегаватт бунёд карда шавад.

Дар ҷамъомад дар бораи корҳое, ки дар ин самт ба амал бароварда шуданд, ҳисобот дода шуд. Қайд гардид, ки соли ҷорӣ ҷамъияти саҳҳомии «Ўзбекгидроэнерго» камаш 7 миллиард киловатт-соат неруи барқ истеҳсол мекунад.

Ба шахсони масъул оид ба лоиҳакашии 36 нерӯгоҳҳои барқии обии бузург дар қитъаҳои мувофиқи дарёҳои Пском, Норин ва Тӯпаланг супориш дода шуд. Ҳамчунин бо иштироки сектори хусусӣ 26 нерӯгоҳи хурди барқии обии иқтидораш 9 мегаватт бунёд карда хоҳанд шуд.

Масъалаҳои марбут ба сохтмони се нерӯгоҳи барқии обии иқтидораш 23 мегаватт дар канали калони Андиҷон ва як нерӯгоҳи барқии обии иқтидораш 16 мегаватт дар дарёи Тӯпаланг баррасӣ шуданд.

Ба нақша гирифта шудааст, ки соли ҷорӣ панелҳои офтобии иқтидораш 1,7 ҳазор мегаватт дар ҳудуди субъектҳои хоҷагидорӣ, иншооти соҳаи иҷтимоӣ ва хонаводаҳои аҳолӣ насб карда шаванд. Дар минтақаҳо дар ин самт корҳо оғоз ёфтанд.

Аз ҷумла, дар ҷамъомад таъкид гардид, ки дар муҳлати кутоҳ дар соҳаи иҷтимоӣ батареяҳои офтобии иқтидори умумиашон 62 мегаватт, дар объектҳои соҳибкорон – 23 мегаватт, дар хонаҳои шахсӣ – 20 насб карда шуданд.

Дар ҷамъомад таъкид гардид, ки бояд ин корро суръат бахшида, пешниҳоду ташаббусҳои соҳибкоронро оид ба рушди энергетикаи «сабз» дастгирӣ кард.

**ЎзА.**

## МАСЪАЛАҲОИ ТАЙЁРӢ ВА БАРГУЗОР КАРДАНИ РАЪЙПУРСӢ БАРРАСӢ ШУДАНД

***Ҷамъомади навбатии Комиссияи маркази интихоботии Ҷумҳурии Ўзбекистон баргузор шуд.***

Маълум аст, ки мувофиқи қарори Палатаи қонунгузории Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон аз 10 марти соли 2023 ва Сенати Олий Маҷлис аз 14 март раъйпурсии Ҷумҳурии Ўзбекистон бинобар лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон» рӯзи якшанбе, 30 апрели соли 2023 гузаронида мешавад.

Дар ҷамъомад масъалаҳои тайёрӣ ба раъйпурсӣ ва тасдиқ намудани нақшаи тақвимии баргузор кардани он, ташаккул додани ҳавзаҳо, тасдиқ кардани сметаи хароҷот, ба роҳ мондани омӯзиши аъзои комиссияҳое, ки раъйпурсиро дар маҳалҳо мегузаронанд, муҳокима шуданд.

Ба мақсади зина ба зина татбиқ намудани чорабиниҳо бобати дар муҳлаташ гузаронидани раъйпурсӣ, ки қонунгузорӣ муқаррар намудааст, нақшаи тақвимии тайёрӣ ва баргузор кардани раъйпурсии Ҷумҳурии Ўзбекистон тасдиқ карда шуд. Он дуруст ва самарабахш ташкил намудани ҷараёнҳои раъйпурсиро бо риоя ба талаботи қонун, дар мавриди сарфакорона тақсим кардани иқтидори мавҷуда ва сарфабар кардани имкониятҳо таъмин менамояд.

Дар ҷамъомад қарор «Дар бораи созмон додани ҳавзаҳои раъйпурсии Ҷумҳурии Ўзбекистон» қабул гардид. Мувофиқи он дар Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳо ва шаҳри Тошканд 14 ҳавза ташкил карда шуданд.

Ҳамчунин сметаи хароҷот бобати тайёрӣ ва баргузор намудани раъйпурсӣ муҳокима гардид, барои бо маблағ таъмин кардани он аз буҷаи давлатӣ ҷудо кардани 182,4 миллиард сӯм пешбинӣ мегардад.

Ҳангоми тайёрӣ ба раъйпурсӣ ва гузаронидани он ташкил кардан ва мустаҳкам намудани ҳамкории тарафайн бо расонаҳои ахбори оммавӣ бо риояи пурра ба равандҳои қонунмандӣ, мустақилӣ, беғаразона, ошкорбаёнӣ, рӯшодгӯйӣ ва шаффофият муҳим мебошанд. Бо ин мақсад дар бораи созмон додани маркази матбуоти Комиссияи маркази интихоботӣ ва шуъбаҳои минтақавии он қарор қабул гардид. Оиннномаи маркази мазкур тасдиқ карда шуд.

Дар ҷамъомад аъзои Комиссияи маркази интихоботӣ фикру ақида ва таклифҳои худро бинобар тамоми масъалаҳои баррасишуда, изҳор доштанд. Дар хотима қарорҳо бинобар масъалаҳои рӯзмарра қабул гардиданд.

**Муҳтарама КОМИЛОВА, хабарнигори ЎзА.**

*Муносибат*

## ДАР КИШВАРЕ, КИ ҚАДРИ ЗАН ГИРОМӢ ДОШТА МЕШАВАД, СУЛҲУ ОБОДӢ ҲУКМ МЕРОНАД

***Зан – ҷинси латиф. Ў сазовори муҳаббати бепоён аст. Аз ин рӯ, дар мамлакати мо занро аз қадимулайём ҳурмату эҳтиром мекунанд. Новобаста аз кӣ буданаш, касбу миллаташ ўро пеш аз ҳама ҳамчун модар гиромӣ медоранд.***
***Сабук кардани бори душвори бонувон, ки рамзи меҳру муҳаббат ва садоқат мебошанд, ҳифзи ҳуқуқу манфиати онҳо, таъмини шуғл, таҳкими фазои соҳибкорӣ дар байни хоҳарони мо солҳои охир ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.***

Ба рӯйи об баровардани иқтидори намояндагони ҷинси латиф, таъмин кардани баробарҳуқуқии онҳо, таваҷҷуҳи бузург ба ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо, ғамхорӣ ва эҳтиром ба боз ҳам баланд шудани мақоми зан дар ҷомеа хидмат мекунад.

Имрӯз занони мо на танҳо иштирокчиёни фаъоли равандҳои сиёсӣ, балки ба қувваи бузурги ҷомеа ва омили ҳалкунанда табдил меёбанд. Ба ин мисол овардан мумкин аст, ки қариб 2 ҳазор нафар занони боомаърифат, ташаббускор ва фаъоли мо дар ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ дар вазифаҳои роҳбарӣ кор мекунанд.

(Давомаш дар саҳ.2).

*Дар маҳаллаи Янгибатоши ноҳияи Қаршӣ зиёда аз 4 ҳазор аҳолӣ истиқомат мекунад. Дар маҳалла баҳри таъмини фаровонии аҳолӣ ва рушди соҳибкорӣ як қатор чорабиниҳо дида мешавад. Ба роҳ мондани фаъолияти корхонаи бофандагӣ, дорухона, минибонк, дуконҳои озуқаворӣ ва хидмати сервис аз он ҷумлаанд. Инчунин дар маҳалла ташкил гардидани маркази хонакорӣ пешбинӣ шудааст. Дар он баробари омода намудани маҳсулоти дўзандагӣ, чармдўзӣ ва гилембофӣ ба хонакорон касбу ҳунар низ омўзонда мешавад. Баҳри пурра иҷро намудани супоришҳо барои дар хона кор кардани хонакорон дастгоҳ ва ашёи хоми зарурӣ дода мешавад. Баъди пурра ба кор пардохтани марказ қариб 24 ҳазор нафар бо кор таъмин мегарданд.*

***Дар сурат:*** *дар маркази хонакории шаҳри Қаршӣ.*

***Суратгир: А. АБДУЛЛОЕВ. ЎзА.***



### Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон:

## ОСОРХОНАИ ДАВЛАТИИ САНЪАТИ БА НОМИ И.В.САВИТСКИЙ ХЕЛЕ ЗЕБОСТ, ОН ЛУВР ДАР БАЙНИ САҲРО АСТ

***Хидмати хабарии СММ маводи иттилоотӣ ва видеоиро таҳти унвони боздиди «Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон аз «Лувр дар байни саҳро»-и воқеъ дар Ўзбекистон интишор намуд.***

Дар мақола қайд мегардад, ки бинобар даъвати ҷониби Ўзбекистон Комиссари олии СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон Фолкер Тюрк 13 март ба Ўзбекистон сафар кард.

Тавре ки сомона хабар медиҳад, дар доираи ташриф ҳайати СММ аз Нукус боздид ба амал оварда, бо намояндагони ҳукумат, созмонҳои шаҳрвандӣ ва куҳансолони маҳаллӣ мулоқот намуд. Комиссари олии оид ба ҳуқуқҳои инсон, ҳамчунин дар чорабинии бахшида ба 75-умин солгарди имзо шудани Баённомаи умумии ҳуқуқи инсон, ки дар Осорхонаи давлатии санъати ба номи И. В. Савитский ба амал омад, суханронӣ кард.

Дар гузориши худ Фолкер Тюрк оид ба Осорхонаи Савитский чунин изҳор дошт: «Он осорхонаи бағоят зебост, гўё Лувр дар байни саҳрост. Бисёр рассомоне, ки асарҳояшон дар ин ҷо ҳаст, табъид ва ҳабс гардида, дар замони шўравӣ бо душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки ҳуқуқи фарҳангӣ барои ҳаракати ҳифзи ҳуқуқ хеле муҳим мебошад, моро зарур аст, ки воқеан хотираи онҳоро азиз дорем».

**АИ «Дунё»,**

*шаҳри ЖЕНЕВА.*

***Дар Маркази дипломатияи мардумии СҲШ ҳайат таҳти раёсати мушовири вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар умури сиёсӣ Меҳрдод Киёиро раиси ин марказ Қобилҷон Собиров ба ҳузур пазируфт ва ҷонибҳо дар фазои дўстона мулоқоти густурда ва пурмуҳтаво баргузор намуданд.***

## МУЛОҚОТИ СУДМАНД ВА БОАРЗИШ

Президенти Ўзбекистон қарореро имзо кардааст, ки дар он ёддошти тафоҳуми Эрон барои гирифтани мақоми узви Созмони ҳамкории Шанхай тасдиқ карда шудааст.

Ёдоварӣ гардид, ки роҳбарони ду кишвар дар чаҳорчўби нишасти сарони кишварҳои узви СҲШ дар Самарқанд як қатор масъалаҳоро таҳти баррасӣ қарор дода буданд. Инчунин сафари ахири вазири корҳои хориҷии Ўзбекистон ба Эрон низ боиси ба даст овардани натиҷаҳои хеле хуби ҳамкорӣ арзёбӣ гардидааст.

Дар мулоқот Қобилҷон Собиров ва Меҳрдод Киёӣ инчунин қайд намуданд, ки муносибатҳои Ўзбекистон ва Эрон дар солҳои минбаъда бо суръати нав инкишоф меёбанд.

Меҳрдод Киёӣ ташаббусҳои Президенти Ўзбекистонро дар масъалаҳои гуногун хеле муҳим арзёбӣ намудааст. Ба гуфтаи роҳбари ҳайати эронӣ таъсиси ниҳодҳои гуногун, аз ҷумла Маркази дипломатияи мардумии СҲШ намунаи беҳтарини ин ташаббуси Мирзиёев мебошад.

– Бо пуштибонӣ аз ташаббусҳои ҷониби Ўзбекистон дар Эрон низ ба таъсиси чунин сохтори ғайридавлатии СҲШ таваҷҷуҳи бештар дода хоҳад шуд, ки ба масъалаҳои ҳамсоядории нек, тавсеаи риштаҳои дўстӣ ва ҳамкорӣ бо кишварҳои узви СҲШ нигаронида мешаванд, – изҳор намуд Меҳрдод Киёӣ.

**Мирасрор АҲРОРОВ, мухбири «Овози тоҷик».**

## НИЗОМИ ДОДАНИ ҚАРЗИ МОЛИЯВИИ ИСТЕЪМОЛӢ ТАКМИЛ ДОДА МЕШАВАД

***Дар мамлакатамон бобати ҳамаҷониба дастгирӣ намудани аҳолӣ ва субъектҳои соҳибкорӣ, беҳтар гардондани шароити муносиби меҳнат ва зиндагии шаҳрвандон, васеъ гардондани имкониятҳои онҳо барои амвол ва хидматрасонӣ дар асоси вомҳо корҳои назаррас ба амал бароварда мешаванд.***

Дар ҷамъомади умумии 27-уми Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон, ки ба қарибӣ баргузор гардид, дар баробари фаъолият дар соли 2022 ва вазифаҳои устувори барои соли 2023 пешбинишуда якчанд лоиҳаҳои қонун мавриди муҳокима қарор гирифта, қабул шуданд. Яке аз онҳо ба муносибати такмил додани низоми додани қарзи молиявии истеъмолӣ Қонун «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба моддаи 15-уми Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи кредити истеъмолӣ» мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи кредити истеъмолӣ» соли 2006 қабул шуда, дар давраи гузашта теъдоди бонкҳои хидматрасонӣ ва институтҳои молиявие, ки қарзи хурд медиҳанд ва миқёси хидматрасонии онҳо васеъ гардид.

Бинобар маълумоти Бонки марказӣ дар тӯли се соли охир дар кредитҳои дар асъори миллӣ ҷудошудаи аҳолӣ микроқарзҳое, ки ба тоифаи кредитҳои ғайримақсад дохил мегарданд, қарзи хурд дар соли 2020 5,8 триллион сўм, соли 2021 қариб 1,7 баробар афзуда, 9,9 триллион сўмро ташкил карда бошад, дар соли 2022 ба 21,6 триллион сўм расидааст.

Ин рақамҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки талаботи аҳолӣ ба молҳои истеъмолӣ ва хидматрасонӣ сол то сол афзоиш ёфта, ҳаҷми қарзҳои хурд зиёд мегардад.

Дар баробари афзудани талабот ба қарзҳои истеъмолӣ мавҷуд будани маҳдудиятҳо оид ба ҷудо кардани қарзҳои истеъмолӣ ба молу хидматрасоние, ки дар Ҷумҳурии Ўзбекистон истеҳсол намешаванд, ворид намудани тағйироту иловаро ба қонуни амалкунанда тақозо менамояд.

Аз ин рӯ, вобаста ба такмил додани низоми қарзи истеъмолии молиявӣ зарурати қабули қонун «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба моддаи 15-уми Қонуни Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи кредити истеъмолӣ» ба миён омад.

Дар қонуни мазкур ҷумлаи тақдим намудани кредитҳои молиявии истеъмолӣ ба молҳо (корҳо, хидматҳо), ки дар Ўзбекистон истеҳсол шудаанд, аз қонуни дарамалбуда хориҷ карда мешавад. Бо ин пешбинӣ шудааст, ки ба фурўши молҳое, ки дар Ўзбекистон истеҳсол намешаванд, яъне молҳои воридотӣ ва хидматҳо рухсат дода шавад.

Қабули қонуни мазкур, **якум**, дар натиҷаи фароҳам овардани муҳити солими рақобат барои истеҳсолкунандагони маҳаллӣ истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазирро барои истеъмолкунандагон ва хидматрасонии босифат таъмин менамояд.

**Дуюм**, дар шароити афзудани рақобат дар бозори ҷаҳонӣ он ба фароҳам овардани заминаи муносиб барои фаъолияти истеҳсолкунандагони ҷумҳурӣ дар асоси принсипҳои бозори озод, татбиқи ғояю технологияҳои нав дар офаридани арзиши иловагӣ, рақобат нишон додан дар бозорҳои ҷаҳонӣ хидмат мекунад.

**Сеюм**, истеҳсоли молҳои арзону хушсифат барои истеъмоли аҳолӣ, хидматрасонӣ, дар навбати худ, ба сарфа кардани захираҳои молиявии аҳолӣ ва дар натиҷа он дар соҳаҳои дигари иқтисодиёт талабро ба вуҷуд меорад, дар пировард ба иқтисодиёт муҳити иловагии сармоя фароҳам меорад.

Инчунин, мувофиқи қонун тартиби хаттӣ аз ҷониби истеъмолкунанда ҳатман пешакӣ огоҳонидани корхонаи истеҳсолкунанда ё ташкилоте, ки молҳои истеъмолӣ (хидмат) мефурўшанд, оиди гирифтани қарзи молиявии истеъмолӣ бекор карда мешавад. Ва ин, дар навбати худ, ба содатар шудани раванди расмигардонии қарзҳои истеъмолӣ ва васеъ намудани доираи истеҳсоли маҳсулот ва хидматрасонӣ дар кишвар хидмат мекунад.

**Қобулҷон ТУРСУНОВ, узви Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон. (ЎзА).**



*Дар ҶММ «Stella moda»-и ноҳияи Боёвути вилояти Сирдарё корхонаи истеҳсоли маҳсулоти трикотажӣ, ки 0,7 гектар майдонро дар бар мегирад, ташкил карда шудааст. Лоиҳаи мазкур соли 2021 ба фаъолият сар карда, соле истеҳсоли 3 млн. дона маҳсулоти трикотажиро ба ўҳда дорад. Имрўз дар ин ҷо 450 нафар занону духтарон бо кор таъмин карда шудаанд. Корхона дар тўли соли 2022 ба миқдори 4,7 миллион доллари ИМА содироти маҳсулоти худро ба давлатҳои Русия ва Қазоқистон ба амал баровард.*

***Дар сурат:*** *дар ҶММ «Stella moda»-и ноҳияи Боёвути вилояти Сирдарё.*

***Суратгир: Ш. ОРТИҚБОЕВ. ЎзА.***

***Фабрикаи мебелсозии Шаҳрисабз яке аз коргоҳҳои бузурги минтақа ба ҳисоб меравад, ки маҳсулоти он дар хориҷ низ харидорони худро пайдо кардааст.***

# АЗМИ МЕБЕЛСОЗОНИ ШАҲРИСАБЗ

Дар ин авохир Президент аз кулли раҳбарони шаҳру навоҳии ҷумҳурӣ дархост намуда буд, ки ҳаҷми воридоти сармояҳои хориҷиро дар ҳудуди минтақаи худ биафзоянд ва аз ҳисоби ин маблағ корхонаҳои нави ҷавобгўй ба меъёрҳои ҷаҳонӣ бунёд кунанд. Ба гуфтаи раҳбари давлат, сохта шудани чунин коргоҳҳои замонавӣ ба салоҳияти содиротии кишвар афзуда, боиси фаровонии рўзгори мардум хоҳанд гашт. Пеш аз ҳама, ҷойҳои нави кор ба вуҷуд меоянд ва қишри бекори аҳолӣ бо ҷои кори доимӣ таъмин мешаванд. Дархости Президент дар вилояти Қашқадарё ба таври бояду шояд дар амал иҷро мегардад.

Сохта ба истифода дода шудани фабрикаи мебелсозии Шаҳрисабз далели гуфтаҳои болост. Ин коргоҳ аз ҷониби Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ҳисорак гидро қурилиш» сохтаву кунун пурра ба кор шурўъ кардааст. Барои сохтани фабрикаи мазкур аз ҳисоби маблағи сармояҳои хориҷӣ 3 миллион доллар сарф шудааст. Корхона бо ҳамкории мутахассисони соҳаи мебелсозии Туркия бунёд гардида, иқтидори истеҳсоли солонааш 162 миллиард сўмро ташкил медиҳад.

Ҳоло корхона бо се ҷумҳурии Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон дар бобати хариду фурўши маҳсулоти мебел қарордоде ба имзо расонд, ки ба ин кишварҳо то охири сол ба миқдори 2 миллион доллар маҳсулоти тайёр содир намояд. Назар ба таъкиди мутахассисони соҳа, соли оянда ҳаҷми маҳсулоти содиротӣ ба 4 миллион доллар расонда хоҳад шуд.

Мебелсозони шаҳрисабзӣ ният доранд, ки талаботи рўзафзуни бозори дохиливу хориҷиро бо маҳсулоти хушсифати худ қонеъ гардонда, дар байни коргоҳҳои истеҳсолкунандаи мебел яке аз пешгомҳои минтақа шаванд. Ҳоло дар коргоҳи мазкур 180 кас бо ҷои кори доимӣ таъмин буда, бо тавсиа ёфтани корхона ва ҳаҷми кори он ҷойҳои иловагии шуғл ба вуҷуд хоҳанд омад.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

# ҲАР РЎЗИ ТУ НАВРЎЗ БОД!

***Дар тамоми гўшаю канори вилояти Самарқанд низ дар асоси қарори сарвари давлат Шавкат Мирзиёев ҷашни Наврўзи оламафрўз оғоз ёфт.***
***Бояд таъкид намуд, ки имсол Наврўз таҳти ғояи «Ҳар рўзи ту Наврўз бод, Ўзбекистони маҳбуб!» мегузарад.***

Дар деҳаи хушҳавои Оқсойи ноҳияи Нуробод мардум дар майдони мактаби миёнаи рақами 13-ум ҷамъ омаданд, сурудҳои дилнишину дилошўби ҳофизон таниндоз ва рақсу бозӣ, шеъру байтхонӣ баргузор гардид. Шатранҷбозон низ дар канор намонданд.

Ҳозиронро раиси Маркази миллию фарҳангии тоҷикон ва тоҷикзабонони вилоят Акбар Маҳмудов, муҳаррири рўзномаи «Овози Самарқанд» Баҳодур Раҳмонов, собиқадори таълим Амриддин Ҳакимов ва дигарон табрик гуфтанд.

Дар деҳаи Оҳалик – Шаҳнондараи ноҳияи Самарқанд бошад, қариб 400 нафар сарбозон, ки ҳатто аз вилоятҳои ҳамсоя ташриф оварда буданд, мусобиқаи бузкашӣ ташкил карданд.

Ғолибони мусобиқа бо туҳфаҳои хотиравӣ қадрдонӣ шуданд.

Дар ноҳияи Каттақўрғон мардум дар асоси лоиҳаи «Макони сабз» дар ду канори шоҳроҳи Самарқанд – Бухоро қариб панҷ ҳазор бех ниҳолҳои дарахтони мевадор ва манзаравӣ шинонданд.

Умуман имсол бо роҳи ҳашар дар ҳудуди ноҳия як миллиону 200 ҳазор бех ниҳолҳои гуногун нишонда мешавад.

Имрўзҳо дар мактабу кўдакистон, донишгоҳу коллеҷҳои вилоят низ ҷашни Наврўз таҷлил мегардад. Чунин тадбирҳои идона дар боғи фарҳангу фароғати ба номи Алишер Навоӣ, маскани Қаросув, шаҳраки Фарҳод, қасри санъати «Нурафшон» ва тамоми марказҳои шаҳру ноҳияҳои вилоят баргузор мешаванд.

Дар амфитеатри «Муъҷиза» бо иштироки ҳунармандони машҳур барномаи консертӣ ба нақша гирифта шудааст.

Ҳамчунин, дар рўзҳои наврўзӣ мардум ба аёдати собиқадорони Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ ва ногиронҳо-сарбозони байналмилалӣ мераванд, аз аҳволи кўдакони хонаҳои меҳрубонӣ, пиронсолони хонаҳои «Саховат» хабар мегиранд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар вилояти**
**Самарқанд.**

# ДАР КИШВАРЕ, КИ ҚАДРИ ЗАН ГИРОМӢ ДОШТА МЕШАВАД, СУЛҲУ ОБОДӢ ҲУКМ МЕРОНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Агар соли 2017 саҳми занону духтарон дар соҳаи идоракунӣ 27 фоизро ташкил дода бошад, имрўз ин рақам ба 33 фоиз, дар сафи ҳизбҳои сиёсӣ аз 40 ба 47 фоиз, дар ҷабҳаи соҳибкорӣ аз 21 ба 37 фоиз расид. Бонувоне, ки дар корхонаю бонк, ширкат ва субъектҳои соҳибкорӣ фаъолият мебаранд, ба равнақи ватан саҳми арзанда мегузоранд.

Онҳо бо донишу таҷриба, тахассус ва маҳорати касбии худ дар бисёр соҳаҳо мавқеъҳои пешқадам ва ҳатто роҳбариро ишғол менамоянд. Соҳаҳои кишоварзӣ, тиҷорат, илму фан, тиб, таълим ва фарҳангу санъатро бе иштирок ва ақлу заковати занон тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Сарвари давлатамон ба мавқеъ ва нақши занон дар ҷомеа баҳои баланд дода, қариб дар ҳар баромади худ зарурати баланд бардоштани фаъолнокии занон, омўзонидани онҳо ба касбу ҳунари серталаб ва дар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкории онҳо аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ намуданро таъкид менамояд.

Дар мамлакати мо барои занон имконияту шароити мусоид фароҳам оварда шудааст, ки ба шарофати он танҳо соли гузашта зиёда аз 872 ҳазор нафар занон бо кор таъмин гардиданд. Ба бештар аз 233 ҳазор нафар занон 4 триллиону 700 миллиард сўм вом ҷудо карда шуд. Зиёда аз 252 ҳазор нафар хоҳарони мо касбу ҳунар ва соҳибкорие, ки дар бозори меҳнат талаботи зиёд доранд, омўхтанд.

Бесабаб дар мамлакати мо ба занон чунин диққат дода намешавад. Зеро, дар кишваре, ки қадри зан, қадри инсон гиромӣ дошта мешавад, сулҳу амонӣ ва ҳамоҳангию баракот ҳукм меронад. Аммо вақтҳое буданд, ки бисёре аз падару модарон аз сабаби набудани имкони таҳсили духтаронашон дар асоси шартнома онҳоро барвақт ба шавҳар медоданд, ба хоҳиши фарзандашон эътибор намедоданд. Ҳол он ки онҳо ба хондан ва омўхтан таваҷҷуҳи зиёд доштанд.

Хушбахтона, он рўзҳо имрўз дар таърих боқӣ мондаанд. Солҳои охир дар мамлакати мо таваҷҷуҳ ва муносибат ба занон куллан тағйир ёфт. Барои таҳсил ва касбу ҳунаромўзии онҳо тамоми шароит фароҳам оварда шудааст. Ҳоло пули шартномавии духтарони дар магистратура таҳсилкунанда пурра аз ҳисоби буҷа ва шартномаи таҳсили намояндагони оилаҳои ниёзманд, духтарони донишҷўе, ки аз падар ё модар ятим мондаанд, аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ пардохта мешавад.

Бо мақсади ба таври назаррас афзоиш додани саҳми занони олима дар ҷомеа, ҳар сол барои занон дар докторантура квотаи мақсаднок ҷудо карда мешавад, ки ин далели эътибори баланд ба занон дар кишварамон мебошад.

Ба туфайли таваҷҷуҳ ба таълими занон соли гузашта 60 фоизи донишҷўёни ба мактабҳои олӣ қабулшударо занону духтарон ташкил доданд. Агар шаш сол қабл аз ин дар мактабҳои олӣ зиёда аз 100 ҳазор нафар духтарон таҳсил гирифта бошанд, ҳоло шумораи онҳо ба 500 ҳазор нафар расидааст. Магар, ин натиҷаҳо самараи амалии ислоҳотҳо таҳти роҳбарии Сарвари давлатамон нест?

Арбоби бузурги давлат Индира Гандӣ гуфта буд: «Як духтарро хононда, шумо ба тамоми оила илм меомўзед». Ин суханонро беҳуда нагуфтаанд. Албатта, ҳамаи мо медонем, ки дар паси ин ҳақиқати ҳаётӣ пинҳон аст. Дар асл, доштани маълумоти олӣ метавонад бо хушбахтии оила алоқаманд набошад. Аммо ҷаҳони маънавӣ, тафаккур ва ҷаҳонбинии шахси илмнок аз дигарон комилан фарқ мекунад.

Рўйирост гуфтан лозим аст, ки дар ягон давлат ба занон мисли мамлакати мо ба қадри кофӣ эътибор намедиҳад, шароит фароҳам оварда намешавад. Дар мамлакатамон ташаббуси занони закӣ ва донишмандро ҳамеша ва ҳарҷониба дастгирӣ мекунанд.

Замоне барои бо манзили имтиёзнок таъмин кардани занон имкон, заминаи ҳуқуқӣ ва маблағ вуҷуд надошт, имрўз ба ҳазорон занони ниёзманд манзили нав месупоранд. Барои занони камдаромад барои харидани хона пешпардохт дода мешавад. Бо мақсади беҳтар намудани шароити манзили онҳо қисми зиёди субсидияҳое, ки барои қарзҳои ипотекӣ ҷудо карда мешаванд, ба занон равона карда мешавад.

Агар ба рақамҳо нигоҳ кунем, танҳо соли гузашта шароити манзили қариб 14 ҳазор нафар хоҳарони мо беҳтар гардида, пардохти иҷораи тақрибан 70 ҳазор бонувони эҳтиёҷманд сарпур карда шуд. Тасаввур карда метавонед, ки бо чунин амалҳои нек ба чӣ қадар хонаҳо шодиву хушбахтӣ ворид гардид, дараҷа ва сифати зиндагии бисёр одамон куллан тағйир ёфт. Рўҳи ҳазорон занони мо бардошта, эътимоди онҳо ба фардои зиндагӣ мустаҳкам шуд. Дар хусуси диққату ғамхорие, ки нисбати бонувон зоҳир карда мешавад, бисёр гуфтан мумкин аст. Ислоҳоте, ки оиди таъмини иштироки ҳамаҷонибаи бонувон дар идоракунии ҷомеа ва корҳои давлатӣ, дастгирии онҳо аз нигоҳи иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ татбиқ мегарданд, намунаи адолати иҷтимоӣ дар таъмини баробарии гендерӣ дар кишварамон мебошад.

Чунин шароиту имтиёзҳо, ки ифодаи таваҷҷуҳи баланд дар сатҳи сиёсати давлатӣ нисбати сарнавишт, имрўз ва ояндаи занон мебошад, дар таърихи кишвари мо ҳоло нашудааст. Имрўзҳо ҳисси сипосгузорӣ аз кишвар ва Сарвари давлат, ки дар қалби хоҳарон ҷўш мезанад, фаъолияти амалии моро боз ҳам пурратар намуда, моро ба дастовардҳои баланд дар ҳар як соҳа водор месозад.

Дар Барномаи давлатӣ оиди татбиқи «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат» фароҳам овардани фазои оштинопазирӣ нисбат ба зулм ва зўроварии занон дар ҷомеа, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии занон ҳамчун вазифаи аввалиндараҷа муайян шудааст.

Масъалаи расонидани ёрии иҷтимоию психологӣ ба заноне, ки ба вазъи ҷиддии иҷтимоӣ афтодаанд, дастгирии манзилии онҳо, инчунин васеъ намудани сафи занони соҳибмаълумот ва баланд бардоштани фаъолияти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодии онҳо низ ифода ёфтааст. Ин ҳам аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки ба дар ҳалқаи оила зиндагии осоишта, солим, ободу хушбахтона доштани занон ва иштироки фаъолонаи онҳо дар ҷомеа нигаронда шудааст.

Вақте ки ман дар маросими ботантана бахшида ба Рўзи байналхалкии занон — 8 март нутқи Президентро дар қатори бисёр хоҳаронамон гўш мекардам, аз эҳтирому эъзозе, ки нисбат ба мо зоҳир гардид, руҳам болида шуд.

Дар зери ҳар як сухани табрикӣ нисбат ба мо – занҳо боварӣ мавҷуд аст, ки ин ҳар яки моро хеле шод мегардонад. Воқеан, чунин имтиёзҳое, ки ба занон дода шудаанд, дар таърихи кишвари мо мушоҳида нашудааст. Хулоса, нақши зан дар ҷомеа бебаҳост ва бовар дорам, ки ҳамеша чунин хоҳад буд. Зеро, тамоми корҳои нек, ки дар мамлакатамон ба амал бароварда мешаванд, ба он нигаронида шудааст, ки барои занон ҳама чизи зарурӣ муҳайё карда шавад. Бигўед, ки чунин кишваре, ки қадри занро аз ҳама бештар медонанду бонувонро гиромӣ медоранд, боз дар куҷо ҳаст?!

**Одинахон ОТАХОНОВА,**
**депутати Палатаи**
**қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**

Дар меҳмонии «Овози тоҷик»

# «ҶОМА НАВ КУН, КИ ФАСЛИ НАВРЎЗ АСТ...»

***Ба қарибӣ Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳамид Найирободӣ меҳмони «Овози тоҷик» шуд. Сармуҳаррири рўзнома Шерпўлод Вакилов меҳмонро хайрамақдам гуфта, бо Наврўзи оламафрўз, фаророрасии моҳи шарифи Рамазон табрик намуд.***

– Аз пазироии шумо, азизон, хеле шод ҳастам. Дербоз мехостам бо ҷамоаи рўзномаи номдори «Овози тоҷик» аз наздик ошноӣ пайдо намоям, – гуфт Ҳамид Найирободӣ. – Боиси хушнудист, ки вақтҳои охир байни роҳбарон Шавкат Мирзиёев ва Иброҳим Раисӣ мулоқоту суҳбатҳо анҷом ёфт, ки дар онҳо 18 ҳуҷҷат ба имзо расид. Яке аз корҳои фарҳангии мо дар он аст, ки омўзиши забони форсиро дар ин қаламрав густариш диҳем, ки дар ин замина ҳуҷҷатҳои ҳамкории Донишгоҳи давлатии шарқшиносии Тошканд бо Донишгоҳи Теҳрон ва Донишгоҳи Аллома Таботабоии Эрон имзо шудааст. Ҳоло дар ин донишгоҳ устодони забони форсӣ аз Эрон омада дарс мегўянд. Дар донишгоҳҳои Самарқанд, Бухоро, Урганҷ, Тирмиз бахшҳои забони форсӣ кушода шудаанд. Интизорӣ меравад, ки баҳори соли ҷорӣ сарвари Ўзбекистон ба Эрон ташриф мефармояд, ки чунин ҳамкориҳо дар самтҳои мухталифи ду кишвар мавқеи муҳим дорад. Пешбинӣ шудааст, ки дар баъзе шаҳрҳои Ўзбекистон дар чаҳорчўби Ҳафтаи фарҳанги Эрон барномаҳои ҷолиби наққошӣ, хаттотӣ ва ҳунарӣ иҷро гарданд. Ҳоло бино ба қарордодҳо байни шаҳрҳои Тирмизу Бурҷанд, Бухорову Ҳамадон ва Шаҳрисабзу Нишопур кор идома дорад.

Сафир аз мавқеи китобу маҷаллаву рўзнома дар кишвари Эрон ҳарф зада гуфт, ки «Хурўс дар ҳама ҷо як хел бонг мезанад». Дар Эрон низ дар ин замони Интернет сафи хонандаи китобу рўзнома коҳиш ёфтааст.

Сафир оиди корҳои муҳим – аз байн бурдани гузарнома (раводид) ва зиёд шудани парвозҳо байни шаҳрҳоямон, амиқтар ошно шудан бо ҳамфарҳангу ҳамзабону ҳаммазҳабҳоямон ҳарф зад. Дар охир Ҳамид Найирободӣ китобҳои «Куллиёти Шамси Табрезӣ», «Рубоиёти Абусаид Абулхайр» ва «Овозҳои Бедил»-ро ба хазинаи рўзнома тақдим намуд. Меҳмон ҷамоаи рўзномаро бо Наврўзи хуҷастапай муборакбод намуда, аз мисраъҳои «Ҳафт пайкар»-и Низомии Ганҷавӣ ёдовар шуд: «Ҷома нав кун, ки фасли Наврўз аст..».

Ба хотири меҳмон эҷодкорони рўзнома аз ашъори бузургони форс-тоҷик намунаҳо қироат намуданд.

**С. БЕКНАЗАРОВА,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**

## ХАБАРҲО

### ДАР БОНКИ МАРКАЗИИ ЎЗБЕКИСТОН

***Маъмурияти Бонки Марказӣ оиди номнависсозии боз ду бонк дар шаҳри Тошканд – Arex Bank ва Hayot Bank қарор қабул намуд. Ин ду ҷамъияти саҳҳомӣ соҳиби литсензия шуд.***

Бонки Марказӣ дар ҷамъомади худ айни замон пастравии инфлятсияи солонаро қайд кард. Маълум мешавад, беқурбшавӣ дар моҳҳои январ-феврал то 12,2 фоиз паст рафтааст. Дар чаҳоряки дувум ба пастравии боз ҳам бештари ин нишондиҳанда умед бастан мумкин. Назар ба мушоҳидаҳо, дар ду ҳафтаи аввали моҳи март дар бозори истеъмолӣ нархи озуқаворӣ мувозинати худро нигоҳ дошт, гуфта шуд дар ҷамъомад, ки 16 март рўйи кор омад.

### НАВГОНИҲОИ МЕТРОПОЛИТЕНИ ТОШКАНД

***Поездҳои метрополитени Тошканд чандин сол инҷониб чаҳорвагона ҳастанд, ки ҳоло дар метрополитен поездҳои панҷвагондор пайдо мешаванд.***

Дар рўзҳои наздик ба 12 адад расонидани поездҳое, ки панҷ вагон доранд, ба нақша дароварда шудааст. Дар он сурат имконият фароҳам меояд як поезд дар ҳаракати як самт ба ҳисоби миёна ба 1300 нафар пассажир хидмат расонад. Поездҳои муқаррарии чаҳорвагона бошад, ба 1000 нафар хидмат мерасонд.

Назар ба таъкиди котиби матбуоти метрополитени Тошканд Т.Мирзоев, то охири соли равон барилова 14 адад поездҳои замонавии «Москва» харида мешавад. Ин имкон медиҳад дар вақтҳои муайяни рўз (вақти ба дарсравию аз дарсбароии донишҷўён) пеши роҳи тирбандӣ гирифта шавад.

Боз як хушхабар он аст ба нафақагирон аз 1 апрели соли равон дар давоми фаъолияти пурраи метрополитени Тошканд хидматрасонии ройгон ҷорӣ мешавад. Аввал ин имтиёз фақат аз соати 10:00 то 16:00 амал мекард.

### ФАРЗАНДИ СЎХ – БЕҲТАРИН ДОНИШҶЎ

***Баробари сол то сол зиёд шудани миқдори донишҷўёни сўхӣ, ки дар муассисаҳои таълими олии мамлакат таҳсил менамоянд, сафи толибони илми ҳарҷониба пешқадам, ки ба комёбиҳо ноил мешаванд, низ меафзояд.***

Аълочии хониш, донишҷўйи курси савуми факултаи таърихи Институти давлатии педагогии Қўқанд Раҳмонҷон Кимсанов низ зодаи ноҳияи Сўхи вилояти Фарғона аст. Вай ҳамчун беҳтарин донишҷў аз ҷониби ректори донишкадаи зикршуда Д.Хоҷаева тақдиронида шуд. Зимнан, Раҳмонҷон се сол инҷониб дар озмуни «Беҳтарин донишҷўи сол» пирўзӣ ба даст меоварад.

**М.ШОДИЕВ,**
**мухбири «Овози тоҷик».**

# ТЕАТРИ ДАВЛАТИИ ЛЎХТАКИ ТОҶИКИСТОН ДАР БУХОРО

***Маълум аст, ки Театри лўхтаки вилояти Бухоро 14-22-юми ноябри соли 2022 ба пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе сафари эҷодӣ дошт, дар ин сафар намоиши спектакли «Табиби хасакӣ»-и Муноҷот Эргашева ба тамошобинону наврасони тоҷик таассуроти фаромўшнашаванда гузошт.***



Гурўҳи эҷодӣ ва техникии Муассисаи давлатии «Театри давлатии ҷумҳуриявии лўхтак»-и шаҳри Душанбе 11-19-уми марти соли ҷорӣ бо сафари ҷавобӣ ба вилояти Бухоро ташриф овард. Меҳмонони ба дилу дида наздик: роҳбари гурўҳ Наргис Розиқзода, ҳунарпешагон Гулнисо Сайдалиева, Мавлуда Неъматова, Искандар Бухориев, Ҳотам Салимов, ороишгари саҳна Сайфиддин Сатторов, танзимгари овоз Некбахт Бухориевро мизбонон – ҷамоаи театри лўхтаки вилоятӣ ва мутасаддиёни соҳа бо карнаю сурнай пешвоз гирифтанд. Ҳунармандони тоҷик барои бачагони бухороӣ бо дастовези муносиб – афсонаи хаёлии «Маликаи шўх»-и Ҳотам Салимов омаданд. Тамошои ин намоишнома ба хурдтаракони шаҳрҳои Бухорою Когон, ноҳияҳои Бухорою Ғиҷдувон хеле писанд омад.

Мо барои мулоқот бо ҳунармандони тоҷик ба Театри лўхтаки вилоят омада, онҳоро якҷо бо ҳамкасбон саргарми кор – суманакпазӣ дидем. Воқеан ин таоми қадимии мардуми мо дар арафа ва рўзҳои наврўзӣ аст. Аз фурсат истифода бурда, ҷамъомадагони атрофи дегро бо фаророрасии айёми фархунда – Наврўзи фирўз муборакбод намудем. Роҳбари театри лўхтаки вилоят Йўлдош Генҷаев моро хушҳолона қабул намуда арзи дил кард:

– Бо шарофати хидматҳои бузурги ду роҳбари оқили ҷумҳуриҳои Ўзбекистон ва Тоҷикистон алоқаҳои дўстии мо боз вусъат меёбанд. Мо ҳангоми сафар ба Душанбе аз меҳри беандоза ва самимияти олию беғаразонаи мардуми тоҷик бори дигар баҳравар гардидем. Дил мехоҳад, ки ин анъана, дўстию рафоқати халқҳоямон ҷовидон бошад.

– Мо хеле шодем, ки боз ба дидори дўстон муяссар гардидем, – изҳори хурсандӣ намуд роҳбари бадеии Театри лўхтаки Тоҷикистон Наргис Розиқзода.

– Тамошои Бухорои шариф, ободониҳои шаҳру ноҳияҳо, мулоқот бо мардуми меҳнатдўст фаромўшношуданӣ буд. Бигузор, сафарҳои ҳунарии тарафайни мо боиси нашъунумўи тухми меҳру вафо, дўстию садоқат нисбати ҳамдигар гардад, – илова намуд вай.

Сафари ҳунарии Театри лўхтаки тоҷик дар вилоят идома дорад.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**




# РИШ ВА АРӮСӢ

*(Ришханд)*

Донишҷӯе назди устод даромаду гуфт.

– Устод, арӯсӣ дорам. Ариза навиштам. Маро ба муддати як ҳафта аз дарс озод кунед.

– Арӯсӣ кай? – пурсид устод.

– Пас аз даҳ рӯз.

– Ба хотири оиладор шуданат як ҳафта не, даҳ рӯз ҷавоб медиҳам. Лекин ҳоло то арӯсӣ даҳ рӯз ҳаст. Се рӯз пеш аз он ариза навис. Арӯсӣ, ки гузашт, боз ҳафт рӯзи дигар бо арӯсат ҳафтаи асалро мегузаронӣ. Тӯҳфаи мо барои ту ҳамин мешавад, – гуфт устод.

– Не, устодҷон ба ариза ҳозир имзо кунед. Ман баъди як рӯзи арӯсӣ ба дарс меоям, – хоҳиш кард донишҷӯ.

– Хонаро таъмиру тоза мекунӣ? – суол кард устод.

– Не, риш мемонам. То арӯсӣ баланд шуданаш даркор. Бо риш бошад дарс омада наметавонам.

– Риш? Чӣ хел риш? – ҳайрон шуд устодаш.

– Риши тӯёна. Ҳозир бе он намешавад, механданд.

– Ҳа-а... – гуфт устод ва ба ариза имзо гузошт. Донишҷӯ хурсанд бадар рафт. Риш аз «ҳафтаи асал» аҳамияти бештар доштааст. Бало занад ин мӯдро. Дар замони мо домодҳо то сари тахти домодӣ нишастан гаштаю баргашта ришро метарошиданду бо одеколони «Красная Москва» рӯйи худро қариб месӯзонданд, – худ ба худ мегуфт устоди ҳайратзада.

**Бахтиёри ҚУТБИДДИН.**

# ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

***Эй Ҳофизи Шерозӣ,***
***Ту кошифи ҳар розӣ.***

Ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Ид омад» ниҳодем ва фолномаи Ҳофизро ҳамроҳ бо шарҳаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.



# ИД ОМАД

*Рӯза як сӯ шуду ид омаду дилҳо бархост,*
*Май зи хумхона ба ҷӯш омаду мебояд хост.*
*Тавбаи зуҳдфурӯшони гаронҷон бигузашт,*
*Вақти риндию тараб кардани риндон барҷост.*
*Чӣ маломат бувад онро, ки чунин бода хӯрад?*
*Ин чӣ айб аст бад-ин бехирадӣ в-ин чӣ хатост?*
*Мо на риндони риёему ҳарифони нифоқ,*
*Он, ки ӯ олими сирр аст, бад-ин ҳол гувост.*
*Фарзи Эзад бигузорему ба кас бад накунем*
*В-он чӣ гӯянд: раво нест, нагӯем: равост.*
*Чӣ шавад, гар ману ту чанд қадаҳ бода хӯрем?*
*Бода аз хуни разон аст, на аз хуни шумост!*
*Ин чӣ айб аст, к-аз он айб халал хоҳад буд?*
*В-ар бувад низ, чӣ шуд, мардуми беайб куҷост?*

Даврони сахтӣ ба поён расида ва замони висолу найл ба мақсуд наздик аст. Сангҳое, ки сари роҳат меафтанд, асаре надоранд, агар мувозиб (эҳтиёт) бошӣ. Аз дӯстӣ бо номардон ва мунофиқон парҳез кун ва дар ҳама ҳол худоро дар назар бигир.

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

# БОЗ ОМАДӢ



*Боз омадӣ андар Ватан, хуш омадӣ, гулбарфи ман,*
*Аз мақдамат олам чаман, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

*Овар хабар бар насли нав, аз файзҳои фасли нав,*
*Ай, байрақи дашту даман, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

*Аз партават рақсон шавам, бо бахт ҳамдастон шавам,*
*Оғози ҳар як анҷуман, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

*Саҳро шавад гулшан зи ту, дунё шавад равшан зи ту,*
*Оромбахши ҷону тан, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

*Аз бӯйи ту гаштам ҷавон, аз баргҳоят – шодмон,*
*Ай, ғунчалаб, ай, гулбадан, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

*Солест, пазмони туям, дар шавқи эҳсони туям,*
*Бо нури рухсори ҳасан, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

*Қалби Саодат метапад аз хубии рухсори ту,*
*Зеботар аз ҳар ёсуман, хуш омадӣ, гулбарфи ман.*

***Саодат САНГИНОВА.***

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# КОНИ МУЪҶИЗАВӢ

Дунёи мо пур аз муъҷиза аст. Гоҳо аз дидани ин муъҷизот ангушти ҳайрат мегазем.

Чунин маконе, ки ба мавҷудияти он ақли кас бовар намекунад, ғори намаки Хоҷаи кон аст.

Он дар деҳаи Чорбоғи ноҳияи Шеробод воқеъ аст. Ба ин ҷо аз дуру наздик беморон ба умеди шифо меоянд.

Истифода аз маскани муъҷизавӣ аз соли 1988 сар шуд. Аз 16 беморе, ки бори аввал ба ин дармонгоҳ омаданд, 14 нафарашон сиҳат шуданд.

Соли 1990 дармонгоҳ васеъ гардид.

Дарозии ғори Хоҷаи кон 160 метр. Беморон роҳи 6 километрро тай намуда, ба ғори намакӣ меоянду ба дарди худ даво меҷӯянд.

Сардухтури клиникаи Хоҷаи кон Ҳайитбой Менглиев ҳангоми суҳбат бо мо гуфт:

– Ба ғори намаки Хоҷаи кон асосан онҳое меоянд, ки ба бемориҳои аллергӣ, астматикӣ, эндокрин, бехобӣ, роҳи нафас, хориши гулӯ ва дарди он гирифторанд. Заррачаҳои намак бо нафаскашӣ ба организм ворид шуда, даво мебахшанд. Қисми болои хонаҳо аз намаки сафед, қисми поён аз намаки сурх иборат аст.

Беморон таъсири онро рӯзҳои аввал не, балки аз рӯзҳои сеюму чорум эҳсос мекунанд. Барои онҳое, ки гирифтори бемориҳои саратон ва дил мебошанд, ба ин ҷо даромадан манъ аст.

Табибон тавсия мекунанд, ки беморон баъди аз ғор баромадан оби минералӣ нӯшанд.

Як хусусияти намак он аст, ки микробҳои дар организмро нобуд мекунад.

Воқеан, ғор кони муъҷиза аст. Чунин ғорҳо аз қадим вуҷуд доштаанд. Ҷиҳати шифобахшии онҳо дар асри XIX кашф гардидааст. Ҳоло дар Озарбойҷон, Қирғизистон, Украина, Полша, Руминия, Русия ва Австрия ҳам чунин ғорҳои табиию сунъӣ вуҷуд доранд. Дар баъзе ғорҳо, ҳатто китобхона ва биллиардхонаҳо мавҷуданд.

Олимони Полша муайян кардаанд, шахсоне, ки дар конҳои намак кор мекунанд, ҳаргиз дучори бемориҳои аллергӣ ва астма намешаванд. Зеро намакҳои дорои калий ва натрий қобилияти маҳв кардани микробро доштаанд. Ҳам ғорҳои табиӣ ва ҳам сунъӣ ба организми инсон як хел таъсир мекунанд.

Дар дохили ғор ғорчаҳои хурд ҳам мавҷуданд, ки дар онҳо об ҳаст. Ин об барои дарди гулӯ давои хуб аст.

**Ӯғулой ЧӮРАБОЕВА.**

*Вилояти СУРХОНДАРЁ.*

# АГАР МЕҲР ҲАСТ, БАС АСТ

Як гурӯҳ меҳмонон аз Афғонистон баъди зиёрату намозгузорӣ дар масҷиди Хоҷа Аҳрори Валӣ барои суҳбат дар атрофи як пиёла чой ба ошхонаи Орифамак омаданд. Вақти хӯроки нисфирӯзӣ дар лагани калон шоҳи таомҳо – палави самарқандӣ оварданд. Ҳозирон бо ситоиш ғизои хушхӯру болаззатро тановул карданд. Сипас қабл аз он ки ба дастархон дуои хайр кунанд, яке аз меҳмонон хоҳиш намуд, ки ошпаз асрори пухтани чунин палави олиҷанобро гуфта диҳад.

– Агар дар дил меҳри касб ҳаст, ҳамин бас аст, – бо табассум ҷавоб дод Ориф Маҷидов ва илова кард: – қариб 40 сол боз ба мардум хизмат мекунам. Устодам Тӯрақул Ҷӯраев мебошанд, ки ним аср боз ба ин кори хайр машғуланд.

– Хеле хуб, – гуфт яке аз меҳмонон, – дар Афғонистон сихкабоб маъмул аст, мо мушоҳида кардем, ки палав дар Самарқанд.

– Палав аз таомҳои миллист ва аз қадимулайём дар байни халқҳои Осиёи Марказӣ машҳур. Шояд аз ҳамин сабаб барои меҳмонони олиқадр пухтани он ба анъана табдил ёфтааст.

Нақл ҳаст, ки як самарқандӣ ба хонадони дӯсти қазоқаш меҳмон мешавад ва аз байн чанд рӯз гузарад ҳам, нияти бозгашт намекунад. Қазоқ ба яке аз ошноёни худ шикоят карда мефаҳмонад, ки чандин гӯсфанд кушта ва хӯрда шуд, лекин меҳмон рафтанӣ нест.

Дӯсташ мепурсад: «оё калтакошӣ, яъне палав пухтӣ». «Не, – мегӯяд соддалавҳона ӯ, – о, ин таоми тоҷикон-ку?». «Эҳ, нодон, – завқ мекунад ошнояш, – дар Самарқанд палав кифоя аст, ки меҳмон хураду омин кунаду равад. Ана, барои чӣ палавро «калтакошӣ» низ мегӯянд».

– Бисёр аҷиб, – меҳмони дигар ба суҳбат ҳамроҳ шуд. – Мо мехоҳем пухтани палави самарқандро ёд гирем, то меҳмонро бо «калтакошӣ» ҷавоб диҳем.

– Дар водии Зарафшон, яъне Самарқанду Панҷакент тарзи тайёр намудани зирбак фарқ дорад. Агар дар Фарғона, Хуҷанд, Тошканд, Исфара палавро сурхранг ва бо маззаи тундтар тайёр кунанд, дар мо ранги ош сафед аст. Лекин барои тайёр кардани палав асосан равғани думба, гиёҳҳои шифобахш, бо равғани зард ё зиғир айни муддао мебошад. Гӯшти гӯсфанд, гов, кабк, мурғ ва дар кӯтоҳдастӣ тухми мурғро истифода мекунанд.



Аввало гӯштро порча-порча бурида ба равғани нағз тафсидаи доғ андохта, то сурх шудан кафлес мезананд, баъд пиёзу сабзии реза партофта, камтар об, зиравор, яъне мавиз, нахӯд, зира, намак меандозанду зирбакро дар алави паст маҳин мечӯшонанд. Баъди биринҷро тоза кардаву ду-се бор шустан, ба дег 1,5 баробари биринҷ об рехта мечӯшонанд, то биринҷ ҷабида гирад. Сипас, ошро дар мобайни дег мисли гунбад лӯнда карда, болояшро бо лаган мепӯшанд ва 20-25 дақиқа дам медиҳанд. Баъд дар лаганҳо мекашанд...

Мо – ошпазҳо баъди пешкаш кардани таом ба хӯрандагони худ иштиҳои хуш таманно мекунем, – хулоса кард ошпаз.

– Аҷиб, дар тӯли 40 сол чӣ қадар ош пухта бошед, – пурсид яке.

– Ғайр аз ошхона ман дар тӯю маъракаҳои маҳаллаҳои Равонак, ки зодгоҳам аст, ҳамчунин Хоҷа Аҳрори Валӣ, Мӯлиён, Даштак, Шалғамон, гузарҳои шаҳри Самарқанд аз ду то панҷ-шаш пуд ош пухтаам, – ҷавоб дод Орифамак. Хушбахтона, шогирдонам Авазҷон, Ихтиёр, Акобир, Комилҷон ва дигарон низ дар Самарқанд бо ошпазӣ ном баровардаанд.

– Фарзандон-чӣ?

– Як писар дорам – Одилҷон, ки ҳамеша дар шафатам аст. Духтарҳо – Нилуфар, Нигина, Наргиса дар хона ош мепазанд. Умед дорем, ки аз набераҳо як ё ду нафар касби боборо мегиранд, иншооллоҳ.

– Дар қатори шогирдон бачаҳои моро ҳам илова кунед, то ки устоди мо низ бошед, – лутф кард меҳмон.

Аз ин илтифот табъи Орифамак болида гашт.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА,**
*деҳаи Хоҷа Аҳрори Валии ноҳияи Самарқанд.*

# МОМОЁН БАЙТ МЕГУФТАНД

(Аввалаш дар саҳ.3).

Ҳар сол, 21-уми моҳи март пиру ҷавон тақрибан соатҳои 9-10 назди ҳавлии Бобои Нур ҷамъ меомаданд, ки паҳнои хубе дошт. Ҷавонон гиламҳоро рӯйи сабза густурда, болои онҳо кӯрпачаҳо мегузоштанд. Дастархон густурда, дар он нону фатир, ҳар гуна ширинӣ ва таомҳое, ки занон субҳи содиқ омода кардаанд, гузошта мешуданд. Таомҳоро асосан аз мош, ҷуворӣ, каду, ҳулбӯ ва сабзаҳои навруста омода менамуданд. Барои занону духтарон низ чунин дасторхони алоҳида омода карда мешуд.

Он солҳо деҳаи Сойхурд мактаби чорсола дошт, филиали мактаби рақами 43-юм буд. Мактаби даҳсола дар Сойкалон воқеъ буд, ки мо синфҳои болоиро он ҷо хатм намудаем. Нимаи дуюми солҳои 60-уми асри гузашта Наврӯз ба таври расмӣ ҷашн гирифта намешуд.

Наврӯз рӯзи оштиву созиш, рӯзи меҳр буд. Мӯйсафедон нафаронеро, ки бо ҳам созиш надоштанд, оштӣ мекарданд. Ёд дорам, ҳукми мӯйсафедон барои ҷавонон «қонун» буд. Пирон сазовори эҳтиром буданд. Маҳз ҳамон рӯз чӯпони деҳа таъин ва арзиши парвариши моҳонаи ҳар сар чорво, асосан буз, муайян карда мешуд.

Наврӯз бахусус рӯзи бозиву хурсандии кӯдакон буд. Пас аз «омин»-и мӯйсафеди куҳансол навбат ба бозиҳои миллӣ мерасид. Гурӯҳе гӯштӣ мегирифтанд. Ҷавонони сину соли муайян ресмонкашӣ менамуданд. Чанди дигар ба чӯғонбозӣ машғул мешуданд. Машғулияти асосии духтарон сангакбозӣ буд.

Солҳои истиқлолият таҷлили ҷашни Наврӯз мақоми давлатӣ гирифт. Он чун иди миллӣ ва баъдан байналмилалӣ эътироф шуд. Ҷашни Наврӯз дар Сойхурд низ ранги дигар гирифт ва муҳтавои нав пайдо кард. Наврӯзро калону хурди деҳа дар паҳнои назди мактабе, ки акнун ба муассисаи таълими ҳамагонии мустақил табдил ёфтааст, бо тантана ҷашн мегирифтагӣ шуданд. Мардум дигар рӯйи гилему кӯрпача не, дар курсиву миз менишастанд. Ҷашн ба иди ҳақиқӣ табдил ёфт. Дар он меҳмонони зиёде, ки аз шаҳру маконҳои дигар омадаанд, иштирок менамоянд. Хонандагони мактаб саҳначаҳои бадеиро пешкаши ҳозирин мекунанд. Дастаи ҳунарии мактаб консерт медиҳад. Мардум зери оҳангҳо мерақсанду мебозанд. Дар охир роҳбарияти мактаб хонандагони пешқадам, омӯзгорони фаъолро бо мукофотҳои пуливу ташаккурнома ва китобҳо тақдир менамояд. Пас аз анҷоми ин маросим навбат ба бозиҳои варзишӣ мерасад. Ҷавонон гӯштӣ мегиранд, ресмонкашӣ мекунанд. Баъд аз он бозиҳои футболу волейбол оғоз меёбад. Ҷашни Наврӯзи деҳа то фарорасии торикӣ давом мекунад.

**Ӯзбакбойи РАҲМОН,**
*деҳаи Сойхурди ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.*

# СИЁСАТМАДОР ВА ДУРӮҒГӮ

*(Муколама)*

Дар чорроҳае сиёсатмадор ва дурӯғгӯ вохӯрданд ва ба якдигар салом надода, ба баёни фикр сар карданд. Вазъи зиндагии мардум, гуфт сиёсатмадор, маро ба ташвиш овардааст, мехоҳам баъзе принсипҳои ҳаётии мардумро тағйир диҳам, то ки мардум аз тангноии зиндагӣ раҳо ёбанд.

Шумо сиёсатмадорон, ҷавоб дод дурӯғгӯ, фақат вазъи зиндагии мардумро халалдор мекунеду халос. Дар амал корро ба хубӣ иҷро карда наметавонед. Шумо ростгӯй нестед. Гапҳои шумо бениҳоят фиребангез, бесару нӯг, дилхунук, оғӯшта бо худситоию худсозист. Бадбахтии шумо, сиёсатмадорон, давом дод дурӯғгӯ, дар он аст, ки моҳияти дурӯғи худро дарк карда наметавонед ва онро ба як намуди фарҳанг табдил додаед. Бесабаб нест, ки сиёсатро омиён кори касиф мегӯянд.

Агар холисона гӯям, ҷавоб дод сиёсатмадор, дар асл ман шумо барин дурӯғгӯ нестам, аммо зиндагӣ маҷбур мекунад, ки дурӯғ гӯям. Дар натиҷа дурӯғгӯӣ ба касби дувуми ман табдил ёфт. Ман аз дурӯғгӯии худ розӣ ҳастам, зеро ба василаи он норасоиҳои маишии худро комил мекунам. Боз аз он ифтихор дорам, ки дурӯғгӯӣ дар замони мо мақоми баланди байналмилалӣ гирифтааст ва ба он номи «фейк»-ро додаанд. Агар ба гӯиши омма ифода кунем «фейкхола». Фейкхола ба расонаҳои иттилоотӣ ҷон мебахшад, онҳоро аз бекорию муфлисӣ наҷот медиҳад.

Шумо – сиёсатмадорон, гуфт дурӯғгӯ, манфиати шахсӣ, гурӯҳиро бо манфиати давлатӣ ва ҷомеа омехта, тарзе вонамуд мекунед, ки замонати некуаҳволии халқ бошед. Дар асл бошад, ин баръакси кор аст. Шумо саъй мекунед, ки дурӯғгӯии худро аз лиҳози илмӣ асоснок кунед ва иддао доред, ки дурӯғ пояҳои ҳастии кунунии шахс ва ҷомеаро шакл медиҳад. Барои шумо ростгӯӣ гӯё баробари беадабӣ, ғайриахлоқист. Ростгӯӣ пояи мақомталабии шуморо мешиканад. Дурӯғи ман бошад, давом дод дурӯғгӯ, мақомталабӣ нест. Дурӯғи мо мастиовар аст. Мо тибқи фармудаи Шайх Саъдӣ, «Дурӯғи маслиҳатомез, беҳ аз рости фитнаангез» амал мекунем.

Шунидаем, ки дар китоби муқаддаси ниёгони мо «Авасто», гуфт сиёсатмадор, дурӯғ ва рост бо якдигар доимо дар муборизаи шадид ҳастанд. Замоне мерасад, таъкид мешавад дар он, дурӯғ ҳама ҷоро мисли меғи ғализ (туман) фаро мегирад ва ба «шараф»-и одамӣ табдил мееёбад. Масалан, дурӯғ дар замони мо дар тамоми истеҳсолоти амволи зиндагӣ: ҷуворимакка, соя, равғани рустанӣ, маргарин, майонез, шоколад, пахта ва ғайра, дар нӯшокӣ, шарбат, дар рисолаҳои илмӣ, дар минбарҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ, дар саҳнаҳои ҳунарӣ, дар доруворӣ, дар радио ва телевизион ва ғайра ва ҳоказо ҷой дорад. Хулоса, дурӯғ дар замони мо ба категорияи воқеии фалсафӣ, муқтазои ростӣ ва ҳақиқат, табдил ёфтааст. Аз ин ҷост, ки дурӯғ як қисмати ҷудонопазир ва раднашавандаи ҳастии имрӯзаи моро ташкил медиҳад.

Фарқи дурӯғи сиёсатмадорон, ба фикрам, гуфт дурӯғгӯ, аз дигар намудҳои дурӯғ дар он аст, ки дурӯғи шумо аз ҷониби давлат ва ташкилотҳои муайян, яъне аз худи халқ маблағгузорӣ мешавад. Мантиқан метавон чунин хулоса баровард, ки мардум барои фиреб хӯрдани худ дар шакли андоз пул месупоранд. Ҳанӯз дар асри XVII Балтасар Грасиан – нависанда ва файласуфи испанӣ дар «Сиёсат» ном асараш навишта буд, ки ман барои қурбони дурӯғ шудани худ пул месупорам ва барои баландтар ҷилва кардану фаввора заданӣ он кӯшиш мекунам, зеро ин амал бароям хушоянд аст.

Гап дар сари он аст, ки, гуфт дурӯғгӯ, одамон ё аз камсаводӣ, ё аз содадилию бетаҷрибагӣ ба дурӯғ зуд бовар мекунанд. Ин, дар навбати худ, барои амали дурӯғгӯён майдони васеъ фароҳам меоварад. Мо барои дурӯғи худ аз давлат ва аз ягон ширкати хусусӣ пул талаб намекунем. Мо, чун шумо – сиёсатмадорон, ранҷи якеро ба роҳати дигар табдил намедиҳем. Дурӯғи мо – фитрист.

Шумо, гуфт сиёсатмадор, бо асари журналист ва нависандаи итолиёӣ Ҷонни Родарии асри XX «Ҷелсамино дар кишвари дурӯғгӯён» шинос нестед. Дар мағозаҳои нонфурӯшии ин кишвар ба ҷои булочка ранг мефурӯшанд, роҳзанонро чун шахсони поквиҷдон муаррифӣ мекунанд, одамони беақлро пешво мегӯянд ва ғайра. Албатта, идома дод сиёсатмадор, дурӯғ барои шахс, мардум зарар ҳам меоварад: обрӯи касро мерезад, ахлоқ ва маънавиятро халалдор мекунад, дер ё зуд аз вазифаю мансаб барканор месозад ва ғайра.

Бо вуҷуди ин, гуфт дурӯғгӯ, мо ҳарду ин корро мекунем ва чун одат аз он даст намекашем, зеро боз ба таъбири ҳамон Грасиан Балтасар, сиёсатмадор ва дурӯғгӯ бародару додаранд. Агар бо мафҳуми имрӯз ифода кунем ДНК-и мо ягонаест, генҳои мо бо генҳои ростию ростгӯӣ мувофиқат намекунанд.

**Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ.**
*Ш.ТОШКАНД.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-325. Адади нашр 4608 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.30

**Нишонии мо:**
**100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.**
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.